## 09 00 13 ФИЛОСОФСКАЯ АНТРОПОЛОГИЯ, ФИЛОСОФИЯ КУЛЬТУРЫ
## 09 00 13 PHILOSOPHICAL ANTHROPOLOGY, PHILOSOPHY OF CULTURE

***УДК 37.7***
***ББК 74.90***

# *ИЛМИ ОИЛАДОРӢ АЗ НАЗАРИ ҶАЛОЛУДДИНИ ДАВОНӢ*

***Ҳакимова Зумрадхон Абдуҳафизовна,***
*дотсенти кафедраи фалсафаи ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *«ДОМОВОДСТВО» В ПРАКТИЧЕСКОЙ ФИЛОСОФИИ ДЖАЛОЛИДДИНА ДАВОНИ*

***Хакимова Зумрадхон Абдухафизовна,***
*доцент кафедры философии ХГУ им. акад. Б.Г.Гафурова (Таджикистан, Худжанд).*

# *«HOUSEKEEPING» IN DJALOLIDDIN DAVONI`S PRACTICAL PHILOSOPHY*

***Hakimova Zumradxon Abduhafizovna,***
*Associate Professor of the department of philosophy under Khujand State University named after B.Gafurov (Tajikistan Khujand)*
***E-MAIL:*** *ms.zumradkhon@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқи Ҷалолуддини Давонӣ, оила, тадбири манзил, даромаду хароҷот, тарбия, одоби муоширот, ахлоқ*

*Мақола ба яке аз се қисмҳои таркибии ҳикмати амалии Давонӣ - тадбири манзил бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки дар пайравӣ ба Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ Давонӣ дар қисми дуюми китоби «Ахлоқи Ҷалолӣ» ба масъалаҳои гуногуни оила, ҷанбаи ахлоқӣ ва иқтисодии он; вазифаҳои бақои насл ва тарбияи фарзандон равшанӣ андохтааст. Масъалаҳои муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ва нақши оила дар ҷомеа таҳлил гардидаанд. Ба андешаҳои қуруни вустои мутафаккир оид ба зарурати маълумот, тарбияи маънавӣ ва ҷисмонӣ, баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва сиришти табиии кӯдак, омӯзиши фарзанд ба мустақилият ва одоби муошират эътибори махсус дода шудааст. Хулоса карда шудааст, ки дар давраи ҷаҳонишавӣ, ки бисёре аз хусусиятҳои оилаи суннатӣ аз байн рафта истодааст, баъзе ҷабҳаҳои ҳикмати амалии Давонӣ ба худ хусусиятҳои актуалиро касб мекунанд. Инчунин дар мақола маҳдудиятҳои таърихии асарҳои Давонӣ қайд гардидаанд.*

***Ключевые слова****: этика Джалолиддина Давони, семья, домоводство, экономика, воспитание, культура поведения, этикет*

*Статья посвящена одной из трех составных частей практической философии Давони - домоводству,изложенной в книге «Ахлоки Джалоли» («Джалолова этика»). Отмечается, что вслед за Фараби, Ибн Сино, Насируддином Туси Давони во второй части книги «Ахлоки Джалоли» освещает различные проблемы семьи, её этические и*

*экономические аспекты; функции продолжения рода, воспитания детей. Проанализированы проблемы семейно-брачных отношений, роль семьи в жизни общества. Особое внимание уделяется воззрениям средневекового мыслителя о необходимости школьного обучения, нравственного и физического воспитания, учета возрастных особенностей и природных задатков, приучения детей к самостоятельности и культуре поведения. Делается вывод, что в эпоху глобализации, когда постепенно сходят на нет многие элементы традиционного домоводства, отдельные положения практической философии Давони приобретают особую актуальность. Также в статье отмечается историческая ограниченность труда Давони.*

**Key words:** *Djaloliddin Davoni`s ethics, family, housekeeping, economy, up-bringing, culture of behavior, etiquette*

*The article dwells on one of the three composing parts of practical philosophy of Davoni - that of housekeeping expounded in the book called «Akhloqi Djaloli» (Djaloli`s Ethics). It is underscored that following Forobi, Ibn Sino, Nasiruddin Tusi, Davoni in the second part of his book called «Djaloli`s Ethics» elucidates various problems of family and its esthetic and economic aspects: function of generation`s continuation, children`s up-bringing. The problems associated with family-wedding relations, the role of family in the life of society are analyzed. Particular attention is paid to the viewpoints of the mediaeval thinker concerned with the necessity of school tuition, moral and physical up-bringing, accounting in age peculiarities and natural gifts, accustoming children to both self-sufficiency and cultural behavior. The author comes to the conclusion that in the epoch of globalization when step by step many elements of the traditional housekeeping come out of use separate provisions of the practical philosophy of Davoni acquire specific actualness. In her article the author asserts a historic narrow-mindedness of Davoni`s work as well.*

Намояндагони бузурги фалсафаи қуруни вустои тоҷик дар осори фалсафии худ, баробари ҳикмати назарӣ, ба таҳқиқи ҳикмати амалӣ низ эътибори калон додаанд, зеро ҳикмати назарӣ маҳз ба туфайли ҳикмати амалӣ, ки аз се қисми таркибӣ: илмҳои ахлоқ, оиладорӣ ва давлатдорӣ иборат аст, ба амал, ҳаёти воқеӣ роҳ меёбад. Чунончӣ, Абӯнасри Форобӣ бахшида ба ҳикмати амалӣ китоби «Ороу аҳли-л-мадинати-л-фозила» (1), Ибни Сино рисолаи «Тадбири манзил» (2), Абӯалӣ Мискавайҳ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» (3), Насируддини Тӯсӣ «Ахлоқи Носирӣ» (4), Ҷалолуддини Давонӣ «Ахлоқи Ҷалолӣ» (5)- ро эҷод кардаанд.

Ҷалолуддин Давонӣ дар асари худ «Лавомеъ-ул-ишроқ» маъруф ба «Ахлоқи Ҷалолӣ», ки се қисм: ахлоқ, оиладорӣ, давлатдориро фаро мегирад, ба пайравӣ аз Хоҷа Насируддини Тӯсӣ қисми дувуми ин асарро зери унвони «Лавомеи дувум» ба тадбири манзил бахшидааст. Мундариҷаи «Ахлоқи Носирӣ» ва «Ахлоқи Ҷалолӣ» умумияти зиёд дорад. Вале Давонӣ баробари пайравӣ таълимоти ниёгонро вобаста ба замони худ инкишоф дода, баъзе нуктаҳои онро бо ривоёту ҳадисҳои Пайғамбари ислом тақвият бахшидааст (6, с.639).

Ҷалолуддин Давонӣ ба мисли Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигар мутафаккирон ба илми оиладорӣ, тадбири манзил баҳои баланд дода, омӯзиш ва донистани онро барои ҳар як шахс зарур меҳисобад, зеро, чӣ хеле ки ӯ зикр мекунад, ҳаёти инсон бе оила тасаввурнопазир аст. Ин илм ба ҳар як шахс барои идора намудани

оила, оқилона бурдани хоҷагӣ, бартараф намудани душвориҳои зиндагӣ, дуруст ба роҳ мондани муносибати байни аъзои оила, тарбияи фарзандон ва ғ. ёрӣ мерасонад.

Дар қисмати «Тадбири манзил»-и «Ахлоқи Ҷалолӣ» Давонӣ тамоми мавзӯъ ва паҳлӯҳои илми оиладорӣ, аз ҷумла, сабабҳои моддии зуҳури оила, вазифаҳои вай дар ҷомеа ва давом додани насл, тарбия ва таълими фарзандон, одоби муоширати зану шавҳар, вазифаи шавҳар ва зан дар оила, иқтисодиёт, хоҷагии оилавӣ ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Давонӣ сабабҳои асосии зуҳури оиларо маънидод намуда, кӯшиш намудааст фарқи куллӣ ва сифатии ӯро аз дигар махлуқот нишон диҳад. Ба андешаи вай, ҳайвон талаботи худро бо неъматҳои табиӣ қонеъ мегардонад, лекин инсон ба ин тарз кифоят намекунад, аз ин рӯ вай ба таври сунъӣ онро омода месозад. Барои тайёр намудани хӯрок инсон бо ёрии ҳамдигарӣ амалиёти зиёдро анҷом медиҳад. Илова бар ин, таҳти таъсири талаботи рӯзафзун инсон маҷбур мешавад, ки маводи хӯрокаро захира намуда, онро нигаҳдорӣ ва аз дигар махлуқот муҳофизат намояд. Барои иҷрои ин мақсад ба инсон манзил, яъне ҷои зисти доимӣ, ки дар он ҷо чизҳо ва маводи хӯрока захира карда мешаванд, зарур мешавад. Дар робита ба ин зарурат эҳтиёҷ ба ташкили оила пайдо мешвад. Азбаски инсон бо мақсади ба даст овардани мавод барои мавҷудияти худ ба корҳои хоҷагӣ машғул мешавад, ӯ бояд ёвар, ҷойнишин дошта бошад, то ки дар набудани ӯ, ё дар ҳолати машғул будани ӯ дар хона зиндагӣ намуда, корҳои заруриро анҷом диҳад (7, с. 72).

Давонӣ дар таълимоти худ зери таъсири ақидаҳои Ибни Сино роҷеъ ба моҳият, вазифа ва рукнҳои он навиштааст, ки «мурод аз манзил дар ин мақом на хонаест, ки аз хишт ва гилу сангу чӯб бошад, балки мурод таълифе махсус аст, ки миёни шавҳару зан ва волиду мавлуд ва ходиму махдум ва мутамаввилу мол воқеъ шавад» (5, с. 193). Ба андешаи Давонӣ оила, манзил падидаи одӣ набуда, балки иттиҳоди махсус аст ва байни аъзои он муносибату муоширати муайян сурат мегирад. Мутафаккир вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва танзимкунӣ ва бақои наслро нишон дода, панҷ рукни асосии он: шавҳар, зан, фарзанд, мол ва ходимро зикр намудааст.

Давонӣ дар қисми тадбири манзили «Ахлоқи Ҷалолӣ» дар борai ҳар як узви оила, дар бахши махсус таваққуф намуда, вазифа ва мақоми онҳоро тавсиф кардааст. Дар ин низоми андешаҳои худ вай қабл аз ҳама ба зан, ки яке аз пояҳои асосии оила маҳсуб меёбад, диққати хоса додаст. Ба ақидаи Давонӣ зан ҷонишини боэътимоди мард буда, дар хонавода нақшу мақоми бузургро анҷом медиҳад. Бинобар ин зан бояд дорои беҳтарин фазилатҳо, ба монанди ақлу хирад, иффат, садоқат, раҳму шафқат ва амсоли инҳо бошад. Дар ин бора мутафаккир навиштааст «Беҳтарини занон он аст, ки ба ақлу диёнат ва иффату фатонат ва ҳаёву риққати қалб ва адабу исор ризои шавҳар ва виқор мутаҳаллӣ бошад» (5, с. 200.)

Ба андешаи мутафаккир зан бояд нисбат ба шавҳари худ шартҳои зерини одоби муоширатро риоя намояд. Аввалан, тозагии маънавиёт, дувум, ба ҳама чиз қонеъ будан, севум, иззату ҳурмати ӯро ба ҷой овардан, чорум, ба шавҳар итоат кардан ва ба саркашӣ роҳ надодан, панҷум, ҳангоми муносибат бо шавҳар бо илтифот будан ва норозигӣ баён накардан аст.

Мутафаккир зикр мекунад, ки зани хирадманду меҳрубон нисбат ба шавҳар метавонад ҳатто мисли модар бошад. Аммо зани беақлу бадтинат ба монанди

золимон ба шавҳар бераҳмиву душманӣ мекунад. Вай пайваста изҳори норизоӣ, ҷанҷолу хархаша, душманӣ карда, ба сарвати шавҳар бо тамаъ чашм меандозад. Аллома Давонӣ аз мард низ риояи шарту одоби муайянро талаб намудааст. Вай бунёди маънавии оиларо махсус нишон дода таъкид месозад, ки мақсад аз ташкили оила қонеъ кардани кувваи шаҳвонӣ набуда, балки бақои насл, дидани фарзанд аст.

Ба қавли Давонӣ агар мард зани хуб гирифта оила барпо кунад, бояд нисбат ба зан се чизро риоя ва аз се чизи дигар худдорӣ кунад ва «он се чиз, ки риоят бояд кард: аввал-ҳайбат, ки худро дар назари зан муҳиб (боҳайбат) намояд, то аз итоати ӯ, амру навоҳии ӯ  таҳовун нанамояд. Дувум, каромат, ки занро гиромӣ дорад, ба чизе, ки мӯҷиби муҳаббат ва улфати ӯ шавад. Севум, он ки бо хешон ва мутааллиқони ӯ тариқаи икрому эҳтиром ва мадороту мувосот ва базли маъруф сипарад». (5, с. 201-202).

Давонӣ ғояи якзанӣ, доштани як оиларо тарғиб карда, зидди бисёрзанӣ баромадааст. Аллома талқин менамояд, ки агар шахс оила дошта бошад, ҳаргиз зани дигар нагирад, ҳатто, агар зани дигар соҳибҷамол, ё ашрофзода бошад. Мутафаккир ин ақидаашро бо чунин далел собит месозад. Азбаски як дил фаъолияти мӯътадили ду тан, ду организми одамиро таъмин карда наметавонад, ба ҳамин монанд, як мард аз ӯҳдаи таъмин ва идораи ду оила намебарояд. Дар ин бора ӯ чунин навиштааст: « Ҳамчунон ки як дил манбаи ҳаёти ду бадан натавонад шуд, як мардро низ тадбири ду манзил муяссар нашавад» (5, с. 202).

Тибқи таълимоти Ҷалолуддини Давонӣ мард сарвари оила буда, вазифаҳои гуногун ва муҳимро ба ӯҳда дорад. Вай бояд нисбат ба ҳар як аъзои оила ғамхор бошад. Таҳти роҳбарии мард ҳар як аъзои оила бояд ба камолот расад ва аз аъмолу корҳои бад худдорӣ намояд. Вай бояд намудҳои гуногуни тарбияро донад, барои беҳбудии оила пайваста мусоидат кунад. Мард дар раванди тадбири оиладорӣ чунин роҳу усули тарбия, ба монанди ҳавасманд кардан, маслиҳат додан, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ, ҷиддият ва ғайраро истифода барад. Сарвари оила ҳолати ҳар як аъзои онро мушоҳида карда, ҳангоми зарурат барои бартараф намудани душворӣ ҳатман ёрӣ расонад. Дар маҷмӯъ кору фаъолияти мард ба санъати пизишкӣ монанд буда, дар ҳолати зарурӣ барои муҳофизати бадан ин ё он узвро ҷарроҳӣ намуда, онро солим нигоҳ медорад. Аллома идора кардани оиларо тадбири масъулиятнок ва ҷиддӣ медонад. Ва таъкид месозад, ки агар мард қобилияти идора кардани оила ва аъзои онро надошта бошад, ба ташкили оила ҳуқуқи маънавӣ надорад ва беҳтар он ки ҳаёти муҷаррад барад (5, с. 197).

Давонӣ яке аз вазифаҳои муқаддам ва муқаддаси оиларо дар тарбияи фарзанд мебинад. Ба қавли вай ҳангоме, ки дар оила фарзанд таваллуд шуд, ӯро бояд бо усули мувофиқ тарбия намуд. Дар робита ба ин масъалаи муҳим Давонӣ махсус одоби муоширати байни волидон ва фарзандонро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ба ақидаи ӯ, баъди марҳамати Худованд барои фарзандон аз волидон дида неъмати бузургтаре вуҷуд надорад. Волидон баҳри фарзандон тамоми ҳастӣ, сарвату молу мулкашонро мебахшанд, ҳатто ҷонашонро низ аз онҳо дареғ намедоранд. Бинобар ин фарзандон бояд ба қадри онҳо бирасанд, сипосгузор бошанд ва ҳамеша ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо оранд.

Мутафаккир дар доираи таълимот оид ба илми оиладорӣ низоми ақидаҳои педагогии худро низ баён сохтааст, ки он нуктаҳои зеринро дар бар гирифтааст:

- нақши оила дар тарбияи фарзандон;
- ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолии фарзандон дар вақти тарбия;
- сиришту симои маънавӣ ва фазилатҳои муаллим;
- баъзе тарзу усулҳои тарбия;
- назардошти қобилияти табии кӯдак дар раванди тарбия.

Давонӣ ба афкори педагогии мутафаккирони маъруф Абӯалӣ Сино, Насируддини Тӯсӣ пайравӣ карда, оғози тарбияи фарзандро ҳанӯз аз овони тифлиаш зарур медонад. Мутафаккир дар раванди таълиму тарбия, хусусан ба парвариши ахлоқии насли наврас эътибори калон додаст.

Тарбияи фарзанд асосан дар муҳити оила сар шуда, таи солҳои дароз давом меёбад. Давонӣ ба волидон беҳуда як қатор усулҳои тарбияро тавсия накардааст. Усулҳои ҳавасмандкунӣ ва ҷазодиҳиро нишон дода, Давонӣ менависад, ки агар тарбиягиранда рафтори хуб ва зебо кунад, ӯро бояд таъриф кард ва агар ба рафтори ноҷоя майл кунад, ӯро бояд сарзаниш намуд. Лекин танбеҳу сарзаниш бояд андоза дошта бошад: «Аз такрори тавбих ва мукошафат эҳтироз намоянд, ки мабодо ба маломат одат кунад ва вақоҳат дар ӯ росих шавад» (5, с. 208), яъне набояд кӯдакро зуд-зуд сарзаниш ва танқид кард, зеро ин раванд ба он оварда мерасонад, ки ӯ ба сарзанишу маломат одат карда, дар вай густохӣ мустаҳкам хоҳад шуд.

Ба қавли Давонӣ волидон аз фарзандон ҳамеша огаҳӣ дошта бошанд. Фарзандон набояд ба ин ё он рафтори махфӣ роҳ диҳанд, зеро дар охир дар онҳо ҷасорат ва майл ба рафтори кабеҳона пайдо мешавад. Фарзандон набояд нозуку нозпарвар бошанд. Онҳоро ба сахтӣ, мушкиливу душворӣ бояд одат кунонд. Аз пурхӯрӣ, истеъмоли зиёди нӯшокӣ, пӯшидани либосҳои фохираву бодабдаба эмин доранд. Пеш аз ҳама ба онҳо қоидаи истеъмоли хӯрокро омӯзонда, фаҳмонидан лозим аст, ки мақсади ғизо саломатӣ аст, на гирифтани лаззат.

Ба ғайр аз ин, Давонӣ ба зарурати мавҷуд будани реҷа ишора мекунад. Ба фарзанд шабона шароити дамгирии бофароғатро бояд фароҳам овард, то ки рӯзона ӯро мондашавӣ ва хоб иҳота накунад. Дар баробари ин вай хоби зиёди шабона ва рӯзонаро манъ мекунад. Кӯдак бояд ба ҳаракат кардан, бештар роҳ рафтан, савора гаштан, ба риояи одоби муошират одат кунад. Дурӯғгӯиро барои ӯ қатъиян манъ кунанд. Кӯдак бояд дар вақти зарурӣ оромиро риоя намояд, ҷавобҳои кӯтоҳ дода тавонад, ба гӯш кардан ва суханҳои нек одат кунад (7, с. 79).

Оид ба шахсияти муаллим мутафаккир чунин мегӯяд, ки «муаллим диндору оқил бошад ва бар риёзати ахлоқ воқиф ва ба таҳорати зайл ва виқору ҳайбату мурувват машҳур. Ва аз ахлоқи мулук ва одоби муҷоласат ва мувокалат бо эшон ва муҳоварат бо ҳар тоифа аз тавоифи мардум бохабар» (5, с. 210). Давонӣ дар низоми афкори педагогиаш доир ба симои маънавии омӯзгор андешаҳои пурқимат баён кардааст. Ӯ таъкид менамояд, ки муаллим бояд диндор, хирадманд, хушахлоқ, ҷиддӣ, босалобат ва шахси олиҳиммат бошад, ахлоқи ҳокимон ва одоби бо онҳо ҳамсӯҳбат шудан ва муносибат карданро донад, маҳорати бо одамони гуногун муошират карданро дошта бошад.

Давонӣ ба қобилияти табиии кӯдакон ва зарурати инкишофи онҳо таваҷҷӯҳи хоса медиҳад. Мувофиқи ақидаи ӯ, пеш аз шогирдро ба ин ё он илм, касб ё ҳунар машғул кардан, зарур аст, ки табиати ӯро омӯхта, муайян намуд, ки ӯ ба кадом илм, касб ё ҳунар қобилият ва рағбат дорад. Азбаски рағбати одамон якхела намебошад, аз ин рӯ онҳо ба ин ё он фаъолият қобилияти махсус доранд. Агар инсон ба ягон чиз

рағбат дошта бошад, он гоҳ вай тамоми қувваи худро барои такмил ва истифодаи он сарф мекунад. Агар ӯ шавқу рағбат надошта бошад, он гоҳ тамоми саъю кӯшишҳои ӯ сарфи беҳудаи вақт хоҳад буд. Бинобар ин, шогирдро ҳатман ба ҳамон илм ё ҳунаре, ки нисбаташ майлу рағбат ва истеъдоди фитрӣ дорад, ҳидоят бояд кард. Давонӣ дар ин бора менависад: «Авло он аст, ки дар табиати кӯдак назар кунанд ва аз аҳволи ӯ тафаррус ҷӯянд, ки истеъдоди кадом илм ва саноат бештар дорад, ӯро ба он машғул доранд» (5, с. 212).

Давонӣ оид ба қобилияти табиӣ, гуногунии истеъдоди фитрии шогирдон дар асоси мушоҳидаҳо, монандкунӣ ва таҷрибаи амалӣ андеша рондааст. Тахминҳои ӯ нисбат ба гуногунии қобилиятҳо дар педагогика ва амалияи тарбия аҳамияти калон дорад. Онҳо қимати худро дар рӯзҳои мо низ гум накардаанд. Инкишофи илми муосир дурустии меросияти қобилият ва истеъдоди инсонро исбот намудааст.

Ба ақидаи мутафаккир одами нек ё бад шудани фарзанд бевосита аз тарбия ва муҳит вобаста аст, зеро ботини кӯдак ба мисли тахтаи тоза буда, ба осонӣ таъсири муҳити атрофро қабул менамояд. Давонӣ тарбияро ба маънои васеаш мефаҳмид «Нуфуси сибиён ба манзалаи лавҳи сода бошад ва қабули сурат ба суҳулат намояд» (5, с. 207).

Кӯдак ҳангоми аз машғулиятҳо озод будан бояд бо чӣ машғул шавад? Ба ин савол Давонӣ чунин ҷавоб дода таъкид менамояд, ки бачагон бо бозиҳое шуғл варзанд, ки ба тарбия таъсири манфӣ надошта бошанд, «дар авқоти утлат эшонро рухсати бозӣ кардан диҳанд, ба шарти он ки муштамил бар таабе зиёда ва иртикоби қабеҳ набошад» (5, с. 211).

Ба ғайр аз ин, Давонӣ ба низоми тарбияи кӯдак тарбияи ҷисмониро дохил намуда, зарурати машқҳои ҷисмониро дар раванди таълиму тарбия ва барои ҳифзи саломатии толибилм муайян намудааст: «Дар аснои ҳар фан риёзати лоиқ, ки таҳрики ҳарорати ғаризӣ кунад, бад-ӯ ҳифзи сиҳату нафйи касал ва балодат бошад, одат намояд» (5, с. 212-213).

Яке аз ҷиҳатҳои ҷолиби ақидаҳои Давонӣ роҷеъ ба таълиму тарбия андешаи ӯ дар бораи зарурати мувофиқати тарбия ба сиришту табиат ва синну соли бача мебошад: «Ва дар таҳзиби ахлоқи ӯ бар ваҷҳе, ки гуфта шуд, таассӣ ба табиат намуда, тартиб нигоҳ дорад. Ва чун аввал осори қуввати тамайюз ҳаёст,...ғалабаи ҳаё далели наҷобат ва фазилат бошад. Пас чун ин хислат аз ӯ мушоҳида равад, дар таъдибаш эҳтимоми зиёда бояд намуд» (5, с. 207).

Дигар аз ақидаҳои пурқимати Давонӣ оид ба тарбияи фарзанд парвариши кӯдакони душвортарбия мебошад. Ба андешаи мутафаккир агар дар тарбия натиҷа ҳис карда нашавад, набояд аз он ноумед шуд, зеро сифату фазилатҳои нек модарзодӣ нестанд. Азбаски кӯдакон дорои табиату истеъдодҳои гуногун ҳастанд, яке ба осонӣ , дигаре ба мушкилӣ тарбияро қабул менамояд. Дар ин бора Давонӣ менависад: «Ҳеч кас бар фазилат мафтур набошад ва дар таҳсили он аз касб мустағнӣ на, агарчи ба сабаби ихтилофи истеъдод ихтилоф дар суҳулат ва суубати иктисоб бошад» (5, с. 133).

Давонӣ талқин менамояд, ки барои дар фарзанд парваридани одатҳои писандида ӯро ба фаъолияту амалҳои махсус бояд машғул кард. Ин тадбир ба мисоли он ки устод ба шогирд таълим додани ҳунар ӯро махсус машқ медиҳад ва таҷриба меомӯзонад.

Қобили зикр аст, ки доираи мавзӯъҳое, ки Давонӣ дар таълимоти худ оид ба илми оиладорӣ баён кардааст, хеле васеъ мебошад. Аз ҷумлаи масъалаҳое, ки мутафаккир эътибори калон додааст, мавзӯи таълиму тарбия аст, ки аз ғановати таърихи педагогикаи тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Давонӣ дар илми оиладорӣ баробари таълим ба тарбияи ахлоқии фарзанд эътибори калон додааст. Тибқи ақидаи ӯ баробари таълими фазилатҳои нек ба онҳо аз хурдиашон услубу одоб, қоидаҳои муоширатӣ, маданияти рафторро бояд омӯзонд. Давонӣ паҳлуҳои гуногуни маданияти рафтор, одоби муошират, ба монанди қоидаҳои муомила бо одамон, рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, одоби сухан, фикри худро равшан ва зебо баён карда тавонистан, одоби роҳ гаштан, одоби ҳаракату сукунат ва имову ишорат ва ғайраро баррасӣ кардааст. Давонӣ шартҳои одоби суханро баён карда, таъкид менамояд, ки пеш аз гуфтор, аввалан онро дар майна бояд барқарор кард ва сипас ба забон овард. Мутафаккир ҳамчунин ба он ишорат мекунад, ки дар вақти гуфтугӯ бояд дараҷаи дониши ҳамсӯҳбатро ба эътибор гирифт ва фикрҳои мураккабро, ки ба ӯ дастнорас мебошанд, набояд истифода бурд. Дар вақти сӯҳбат аз густохӣ бояд канора ҷуст, зеро ҳангоми густохӣ шарти эҳтиром аз байн меравад ва дар одамон ҳиссиёти носолим, душманӣ ва бадбинӣ пайдо мешавад. Бачаро ба он одат кунонидан лозим аст, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои одоби муоширатро риоя намояд. Рафтор, гуфтор ва амалиёти ягон шахсро набояд масхара кард. Фарзандро ба бештар гӯш кардан ва кам гап задан бояд одат кунонд. Яке аз намудҳои маданияти рафтор тарзи роҳгардӣ ва ҳаракату сукунат, худро зебо нигоҳ доштан мебошад. Давонӣ ба он ишорат мекунад, ки дар вақти роҳгардӣ ба саросемагӣ ва ё сустӣ роҳ додан лозим нест. Ҳамчунин набояд мутакаббирона роҳ рафт. Ҳангоми роҳ рафтан ба ҳар тараф нигоҳ кардан ва сарро поён кардан лозим нест, зеро он аз ғамгинии одам шаҳодат медиҳад. Ҳангоми саворӣ низ қомат бояд рост бошад. Дар вақти нишастан пойҳоро набояд дароз кард. Аз рӯи гуфти Давонӣ бачаро ба он одат кунонид, ки қоматро ҳамеша рост дорад. Ҳангоми нишастан сарро ба рӯи зону гузоштан мумкин нест, зеро он нишонаи беморӣ ва мусибат аст. Инсон бояд аз чунин одатҳои ногувор, чун ҳаракати беҷо, бо риши худ бозӣ кардан, ба узвҳои гуногуни бадан даст задан худдорӣ намояд. Набояд ангуштонро ба даҳон андохта, онҳоро бо остин ва бари курта пок кардан низ нашояд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ биниӣ ва роҳи нафасро тоза кардан мумкин нест, дар вақти зарурат чунон бояд кард, ки ҳозирон онро нашунаванд ва мушоҳида накунанд. Ба ақидаи Давонӣ дар назди одамон ғанаб кардан ва сар ба китф андохтан аз рӯи одоб намебошад, дар сурате, ки дар ҷамоат хоб ғалаба кунад, ба қадри имкон он ҷойро тарк кардан ва ё бо воситаи ҳикоя ё фикри шавқовар хобро бартараф кардан лозим аст. Ҳамин тавр, инсон бояд чунон рафтор кунад, ки атрофиёнро халадор ё ба ҳолати ногувор ва ташвиш нагузорад.

Давонӣ инчунин паҳлӯҳои гуногуни маданияти рафторро дар сари дастархон, тарзи хӯроkхӯрӣ ва бо меҳмонон муомила карданро низ мефаҳмонад. Ӯ таъкид месозад, ки пеш аз хӯрок хӯрдан дастон, бинӣ ва даҳонро шустан лозим аст. Хӯрокро бояд бо се ангушт гирифта, даҳонро калон кушодан ва пур кардан ва ё ҳарисона хӯрок хӯрдан, ё ин ки хӯрокро дар даҳон дуру дароз нигоҳ доштан лозим нест. Дар вақти хӯрок хӯрдан панҷаҳоро лесидан, ба таом ҳарисона нигоҳ кардан, бӯидан ва ҷудо карда гирифтан мумкин нест. Агар дар рӯи дастархон хӯроки дӯстдошта мавҷуд бошад, ба он ҳарисона назар кардан мумкин нест. Дар баробари ин Давонӣ ба дигар тарафҳои одоб дар сари дастурхон ишора намуда, зикр мекунад, ки «чарбе бар

ангушт нагузорад ва нону намак тар накунад ва дар луқмаи ҳамкоса нанигарад ва он чи ба даҳон бурд аз устухону ғайра бар нон ва суфра наниҳад ва агар устухон дар луқма бошад, пинҳон аз даҳон дур кунад ва аз ҳаракоти манфура муҳтариз бошад ва чизе аз даҳон дар коса наандозад. Ва агар меҳмон бошад, пеш аз меҳмондор даст бозкашад… ва агар меҳмондор бошад, бояд ки баъд аз он ки дигарон даст бозкашида бошанд, таълил намояд. Ва агар миёни таом ба об эҳтиёҷ афтад, ба оҳистагӣ биошомад, чунонки овози даҳону ҳалқи ӯ нашнаванд. Ва дар назари ҷамоат хилол накунад ва он чи ба забон аз дандон берун орад, бихӯрад, аммо он чи ба хилол барояд, ба ҷое андозад, ки мардумро нафрат нашавад» (5, с. 219-220).

Давонӣ инчунин қоидаи шустани дасту даҳон ва дандонро пеш аз хӯрдани таом таъкид кардааст.

Бисёр меъёрҳои одоби муошират, ки Давонӣ баррасӣ кардааст, дар рӯзҳои мо низ аҳамияти худро гум накардаанд. Дар замони имрӯза вақте ки низоми робитаҳои иҷтимоӣ вусъат ёфтаанд, аҳамияти маданияти рафтор боло рафтааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, лозим ба таъкид аст, ки таълимоти Давонӣ оид ба маданияти рафтор таърихан маҳдуд аст. Баъзе қоидаҳо кӯҳна шудаанд, баъзеашон ба меъёри одоби муошрати муосир мувофиқат намекунанд. Давонӣ ақидаҳои худро дар бораи тарбияи маънавӣ ривоҷ дода, таъкид менамояд, ки ба фарзандон одоби муошират, маданияти рафторро аз хурдсолӣ таълим бояд дод, то ки он ба одат мубаддал гардад.

Давонӣ дар таълимоти худ оид ба оиладорӣ масъалаҳои иқтисодиёти оила, зарурати захира, моҳият ва аҳамияти пул, ҳунармандӣ, даромад ва хароҷот, роҳҳои ба даст овардани боигарӣ ва ғайраро низ баррасӣ кардааст (7, с.103- 106).

Таҳлили ақидаҳои Давонӣ роҷеъ ба оила нишон медиҳад, ки мутафаккир ҳикмати амалии файласуфони бузург Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсиро пайравӣ ва идома бахшида, тибқи талаби замони худ инкишоф додаст. Ҳикмати ҷовидони ниёгон, хосса таълимоти аллома Давонӣ дар бораи оила ва оиладорӣ, сарфи назар аз баъзе маҳдудиятҳои таърихӣ арзиши худро то ба имрӯз гум накардааст

Дар ҷомеаи муосири мо, ки масъалаи оиладорӣ ба андозае дар ҳамон низоми суннатӣ ва анъанавии миллии пешин боқӣ мондааст, ҳикмати амалии Давонӣ барои ғановати маънавии имрӯзиён кӯмаки бориз хоҳад намуд, зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ бисёр ҷиҳатҳои мусбати оиладории суннатии мо - тоҷикон аз байн рафта истодаанд. Ҷавонони тоҷик ва тоҷикистониён, мутаассифона, аз илми оиладорӣ ва моҳияти он кам хабардор мебошанд. Аз ин рӯ, эҳё бахшидани андешаҳои мутафаккирони гузаштаамон ва аз тариқи ғояҳои онҳо ташаккул ва такомули илми оиладорӣ вобаста ба талаби замон барои миллате чун миллати тоҷик, ки аз давраҳои қадим дорои фарҳанги баланди оиладорӣ аст, аз фоида холӣ нахоҳад буд.

***Пайнавишт:***


1. *Аль-Фараби Абу Наср Мухаммад. Социально- этические трактаты // Пер.с араб.- Алма-Ата: Наука, 1973. -400 с.*
2. *Ибни Сино. Тадбири манзил//Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.4.- Душанбе: Ирфон, 2007.*
3. *Исоев, Маҳмадраҳим. Ҳикмати амалии Ибни Мискавайҳ. -Душанбе: Дониш, 2003. - 176 с.*
4. *Насируддин Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ.- Душанбе: Шуҷоиён, 2009. -388 с.*

5. *Давонӣ, Ҷалолуддин. Ахлоқи Ҷалолӣ.- Нувалкишур, 1879. -348 с.//Нусхаи захираи дастхатҳои шарқӣ. АИ Тоҷикистон. № 3061.*
6. *Мирбобоев, Мақсуд. Ҷалолуддини Давонӣ//Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷилди 2.- Душанбе: Дониш. 2016. -892 с.*
7. *Мирбобоев М.К. Этика Джалолиддина Давони.- Душанбе: Дониш, 1992. -140 с.*

***Reference Literature:***

1. *Al-Farabi Abu Nasr Muhammad. Social-Ethic Treatise// Translated from Arabic. – Alma-Ata: Science, 1973. – 400 pp. (in Russian)*
2. *Ibn Sino. Corpus Measuring//Abuali ibn Sino. Selected Compositions. – V.4. – Dushanbe: Cognition, 2007. (in Tajik)*
3. *Isoyev, Mahmadrahim. Practical Wisdom of Ibni Miskavayh. – Dushanbe: Knowledge, 2003. – 176 pp. (in Tajik)*
4. *Nasiruddin Tusi. Nosiri`s Ethics. – Dushanbe: Braves, 2009. – 388 pp. (in Tajik)*
5. *Davoni, Jaloluddin. Djaloli`s Ethics. – Nuvalkishur, 1879. – 348 pp. // Copy of Oriental studies and written heritage under Tajikistan Republic Academy of Sciences. - # 3061. (in Tajik)*
6. *Mirboboyev, Maqsud. Jaloluddini Davoni//History of Tajik Philosophy. – V.2. - Dushanbe: Knowledge, 2016. – 892 pp. (in Tajik)*
7. *Mirboboyev, M.K. Jaloluddini Davoni`s Ethics. – Dushanbe: Knowledge, 1992. – 140 pp. (in Tajik)*